# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «28» 03 соли 2025 № 124/09 ш. Душанбе**

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобики сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Расулов Ҷовид Қурбонович диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА–014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Расулов Ҷ.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Каримзода М.А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Расулов Ҷ.Қ. аз 27 марти соли 2025

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис _______________ Давлатзода С.Х.